**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуи: «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

1. Диссертатсияи Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба самти ихтисосе, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.
2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистон, дар заминаи паёмҳо, суханрониҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ, бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, дар алоқамандӣ бо самтҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Низоми қонунгузории амалкунанда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва мониторинги ҳуқуқӣ, маводи методӣ, тавсияҳо ва таклифҳои аз лиҳози илмӣ асоснок оид ба такмили ҳуқуқэҷодкунӣ асоси ҳуқуқӣ, ташкилӣ-методӣ ва илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти афзалиятноки сиёсати давлат мебошад, чунки ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ихтилофоти ҳуқуқӣ, такмили низоми қонунгузорӣ ва рушди низоми ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Таклифҳои

қонунгузорӣ, ки дар паёмҳо, суханрониҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода карда мешаванд, ба ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд. Дар паёмҳо, суханрониҳо ва баромадҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, вазифаҳои мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ (парламент ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ), самтҳои нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ стратегияи танзими ҳуқуқиро дар заминаи пешгӯӣ намудани самтҳои инкишофи ҳаёти ҳуқуқӣ, ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ба инобат гирифтани самтҳои аввалиндараҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян мекунад. Муайян намудани стратегияи танзими ҳуқуқӣ дар шароити тағйири босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар робита бо рушди муносибатҳои бозорӣ, болоравии саҳми бахши хусусӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, вусъати фаъолияти соҳибкорӣ, васеъ гардидани доираи субъектони хоҷагидории хусусӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ташаккул ва болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ чораҳои зарури илмӣ, методӣ, ташкилӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ бо мақсади ташаккул ва болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии ҳам субъектони босалоҳияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ (мақомоти давлатӣ) ва ҳам иштирокдорони сиёсати мазкур (ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аҳли ҷомеа, шаҳрвандон) андешида мешаванд. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ маҷмуи арзишҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ-маънавӣ, фарҳангӣ мебошад, ки дар робита бо тамаддуни тоҷикон, дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, таҷрибаи давлатдории миллӣ ташаккул ёфта, аз насл ба насл мегузаранд ва дар ҳаёти имрӯза бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ, анъанаҳои миллӣ дар раванди таҳия ва қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” санаи 28 декабри соли 2024 “такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ” дар робита бо эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» самтҳои нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ эълон карда мешавад. Дар робита бо ин, вазифа гузошта мешавад, ки дар низоми таълимии

муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад. Ҳалли ин вазифаҳо ба такмили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити таҳияи санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 37 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 23 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32-33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби довталаб мустақилона таҳия шуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии довталабро нишон медиҳанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаб маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуи: «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.